**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (7340025,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17)**

# ТАҚРИЗИ

**ба автореферати диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананданд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

Муҳоҷирати одамон раванди табиии иҷтимоию иқтисодиест, ки дар ҳама гуна ҷомеа сурат мегирад. Дар баробари ин, равандҳои муҳоҷирати назоратнашудаи намояндагони давлатҳои хориҷӣ метавонанд на танҳо ба муносибатҳои ҷамъияти дар соҳаи таъмини амняти низоми Сарҳади давлатӣ таҷовуз намоянд, балки метавонанд шумораи зиёди дигар мушкилотҳоро низ барои ҷомеа ва давлате ба вуҷуд оранд, ки қаламрави онҳо макони транзит ё муҳоҷирати ғайриқонуни шахрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мебошад. Аз ин рӯ, таъминоти зарурии манфиатҳои миллии кишвар, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар соҳаи муҳоҷират айни замон як мушкили ҷиддии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Бо назардошти ин ҳолатҳо, диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд», ба ниёзҳои илми муосир ва амалияи ҳуқуқӣ ҷавобгӯ буда, мубрамияти мавзӯи мазкур аз ҷониби муаллиф пурра ва дуруст асоснок карда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия мақсади он ба таври возеҳ баён гардидааст. Вазифаҳои дар назди таҳқиқоти мазкур гузоштташуда ба таври нисбатан комил иҷро гардиданд (саҳ. 6 – 7).

Таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсия собит менамояд, ки муаллиф масъалаҳои муҳимми вобаста ба мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананданд

ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додааст, ки шаҳодати бонизом ва ба таври комплексӣ бaанҷом расонидани таҳқиқоти мавзӯи мазкур мебошад. Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида (аз ҷумла пешниҳоди 7, саҳ. 10) муҳим ва зарурӣ, инчунин аз лиҳози илмӣ асоснокгардида мебошанд.

Натиҷаҳои илмии диссертатсионии бадастовардаи муаллиф аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дошта, минбаъд дар раванди тадриси фанҳои таълимӣ, пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар мақомоти судӣ аз манфиат холӣ намебошад.

Илова бар ин, бо баррасии таърихи мавзӯи мавриди таҳқиқ ва дар муқоиса қарор додани ин намуди ҷазо дар Кодексҳои ҷиноятии замони Шӯравӣ ва давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил диссертант тавонистааст, то дастовардҳо ва камбудҳои қонунгузориҳоро дар ин самт таҳлилу баррасӣ намояд.

Дар маҷмуъ муаллиф дар автореферати диссертатсия ба масъалаҳои муҳимми омода намудани автореферат, хусусан андешаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия, саҳми муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, маълумот дар бораи муассисае, ки диссертатсия он ҷо ба иҷро расидааст, маълумот дар бораи муқарризон ва муассисаи тақриздиҳанда, роҳбари илмӣ, феҳристи асарҳои чопшудаи муаллифи диссертатсия ва дигар масъалаҳои муҳимми марбут ба омода намудани автореферат таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки шаҳодати ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани мазмун ва муқаррароти автореферати диссертатсия мебошад (банди 39, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст).

Дар катори дасговардҳои эҷодӣ дар рисолаи пешниҳоднамудаи муаллиф баъзе камбудию масъалаҳои баҳсталаб мушоҳида мегардад.

Муаллифи автореферати диссертатсия дар таҳқиқоти худ таърихи ташкили муҳоҷирати ғайриқонуниро ба ду давраи таърихӣ: шӯравӣ ва муосир ҷудо намудааст. Хуб мебуд, ки агар муаллифи автореферат ташкили муҳоҷирати ғайриқонуниро ҳамчун кирдори ҷиноятӣ то давраи Ҳокимияти Шӯравӣ низ мавриди таҳлил қарор медод.

Бо вуҷуди эродҳои болозикр дар маҷмуъ мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ширинҷонов Ф. И. кори илмии мустақилона, баанҷомрасида, аз лиҳози назариявӣ асоснокшуда мебошад. Таклифу пешниҳодҳо, инчунин хулосаҳои баёнгардида арзиши муҳимми илмию амалӣ доранд. Дар маҷмуъ, автореферати мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, муаллифи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Сардори шуъбаи таълимӣ
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
полковники милитсия П.А. Насуриён
24 ноябри соли 2020

Имзои П.А. Насуриён -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи Вазорати корҳои дохилии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллозода А.Ё.
24 ноябри соли 2020